Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062
назди Донишгоҳи славянии Россия ва
Тоҷикистон
(суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи М. Турсунзода, 30)

## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Шодибеки Сафар ба диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзуи «ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (дар мисоли шаҳри Душанбе)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Соҳаи таҳқиқ ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мувофиқат мекунад:

1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқлти равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ.

2. Коркарди методология, ва методҳои арзёбӣ, таҳлил,амсиласозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ.10. Арзёбии фаъолнокии инноватсионии субъектҳои хоҷагидор бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва болоравии арзиши онҳо. 13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои ниҳодии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Арзёбии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ.18. Коркарди стратегия ва нуктаҳои консептуалии сиёсати самараноки инноватсионӣ ва маблағгузории низомҳои иқтисодӣ бо дарназардошти таҷрибаи андӯхташудаи ҷаҳонӣ. 28. Назария, методология ва методҳои таъминоти иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Сарфи назар аз мубрам будани ин проблема, вазъи кунунии рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дорад. Дараҷаи пасти сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба назари мо, сабаби асосии иҷро нагардидани стратегияи рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, рушди инноватсионии минтақаҳои ҷумҳурӣ самти афзалиятноки сиёсати инноватсионии кишвар гардад. Аз ин ҷо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ солҳои 2025 – 2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд". Дар кишварҳои мутараққӣ инноватсия асоси рушди саноат ва иқтисодиёт хизмат мекунад ва дар навбати худ ба инкишофи инноватсионӣ мусоидат намуда, самтҳои муҳимтарини фаъолияти илмиро муайян мекунанд.

Тадбиқи марҳилаҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ, аз табдил додани таҳияҳои илмию техникӣ ба маҳсулоти инноватсионии ҷолиби сармоягузорон, истеҳсолкунандагон ва харидорон то рушди онҳо дар истеҳсолот, васеъ намудани марказҳои инноватсионӣ ва технологӣ дар ин минтақаҳоро тақозо мекунад.

Пайдоиши иқтисоди инноватсионии ба дониш асосёфта инноватсияро ҳамчун манбаи афзалиятноки рушди иқтисодӣ таъкид мекунад. Ин қонунҳоро ҳангоми навсозии иқтисодиёт чи дар маҷмуи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар минтақаҳо бояд ба назар гирифта, таҳқиқ ва истифода бурд.

Дар ҷаҳони муосир иқтисодиёти инноватсионӣ босуръат рушд мекунад ва аз ин рӯ, идоракунии самараноки равандҳои инноватсионӣ хеле муҳим аст, зеро он ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки самаранокии худро баланд бардоранд. Дар нигоҳдорӣ ва таъмини афзоиши фаъолияти инноватсионӣ сиёсати инноватсионии кишвар ё минтақа нақши муҳим дорад.

Айни замон дар назди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ҷиддии гузаштан ба роҳи инноватсионии рушд меистад. Дар доираи сиёсати рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки дар байни онҳо «Барномаи рушди

инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи аз соли 2011 то соли 2020" мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ҳадафи ниҳоии Барномаи мазкур ташкили иқтисоди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ҳамчунин, самти инноватсионии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коҳиш додани тафовути технологии ҷумҳурӣ аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон тавассути рушди инноватсионӣ нигаронида шуда буд. Мутаассифона нишондиҳандаҳои асосии барномаи мазкур ба иҷро нарасиданд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқ аз коркарди асоҳои назариявӣ, методӣ ва институтсионалии мактабҳои муосири иқтисодӣ, муайян намудани самтҳои асосии мукамалгардонии низоми идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар шароити рушди иқтисодиёти минтақавӣ нигаронида шуда, аз бандҳои зерин иборат аст:

-асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, муайян сохтани нуқтаи назари олимони ҷаҳонӣ ва муосири миллӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегияҳо назари муаллифии ибораи сиёсати инноватсионии минтақа дар мазмуни зерин сиёсати инноватсионии минтақа маҷмуи манфиатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии минтақа, ки тавассути таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо муайян карда шуда пешниҳод гардидааст;

-исбот карда шудааст, ки методи мавҷудаи ҳисоби самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ наметавонад барои лоиҳаҳои инноватсионӣ истифода гардад, зеро инноватсия да ҷараёни идоракунӣ ва такмили сохтор, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии фаъолияти кадрҳо, беҳтар намудани сифати маҳсулот, маркетинг ва дигар амалӣ мегарданд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда баҳо дода намешавад ва ба самаранокии лоияҳои инноватсионӣ омилҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ таъсир мерасонад, ки бо як нишондиҳанда ҷамъбаст карда намешавад;

-муқаррар карда шудааст, ки таҷрибаи ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандии муҳаққиқони Ҳиндустон, ташкили фонди минтақавии дастгирии илм Бразилия, дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионии Канада, сиёсати инноватсионии характери иҷтимоӣ доштаи ИМА, ки барои дастгирии оилаҳои камбизоат тавассути лоияҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд барои минтақаҳои Тоҷикистон, ки сиёсати инноватсиониро тадбиқ менамоянд истифода шаванд;

-дар шароити тараққиёти илму техника хусусиятњои хоси минтаќа муайян карда шуда, сабабҳои иҷро нагардидани стратегии рушди инноватсионӣ маблағгузории нокифоя, сатҳи пасти хавасмандии муҳаққиқон ва олимони ҷавон, набудани хариди давлатии маҳсулоти инноватсионӣ, сатҳи пасти идоракунӣ фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳо, таҷрибаомӯзии нокифоя дар хориҷи кишвар ва ба таври кофӣ надонистани забонҳои хориҷӣ ва ғ. ба ҳисоб мераванд;

-зарурияти таҳияи консепсияи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ бо муайян намудани мақсадҳои стратегӣ ва воситаҳои ноил шудан ба онҳо, таҳияи барномаи рушди инноватсионии минтақа бароиояндаи наздик (дар шакли ҳуҷҷати суроғавӣ, ки аз рӯйи захираҳо, татбиққунандагон ва муҳлатҳо маҷмуи чорабиниҳо, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои рушди инноватсионии минтақа нигаронида шудаанд, ворид намудани муқаррароти асосии барномаи рушди инноватсионӣ ба стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа пешниҳод шуда асоснок карда шудааст;

-исбот карда шудааст, ки самти асосии сиёсати давлатӣ бояд ба фармоиши давлатӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ нигаронида шавад, зеро дар ин ҳолат ташкилотҳои илмӣ эътимод ҳис мекунанд, ки маҳсулоти онҳо ба давлат зарур аст ва бо назардошти имтиёзҳои давлатӣ, суғуртаи фаъолият дар ҷуброн намудани зарари хатарҳои эҳтимолии марбут ба фаъолияти инноватсионӣ,

метавонад иҷрои индикаторҳои сиёсати инноватсионии давлатро таъмин намояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Бо такя аз ҷанбаҳои навоваронаи таҳқиқ нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз инҳо иборатанд:

1. Назарияи муаллифии моҳияти иқтисодии сиёсати инноватсионии минтақа ва методологияи муайян намудаи муаллиф доир ба баҳои самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои инноватсионӣ;

2. Таҳия ва тасдиқи ҳисоботи омории дастовардҳои инноватсионӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ва таҳияи барномаҳои мақсаднок дар сатҳи минтақа, маҳал, корхона, муассиса, хоҷагӣ ва дигар сохторҳо;

3. Модели таъсиси фонди инноватсионии минтақа дар ш.Душанбе, ки барои ташкили чунин фонд имкониятҳои молиявӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ дорад;

4. Самаранокии иқтисодии ташкили сохторҳои инноватсионӣ аз ҳисоби ташкили агрокластерҳои минтақа дар мисоли ш.Душанбе бо ҷалби хоҷагиҳои кишоварзии водии Ҳисор.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Муқаррароти назариявӣ ва методологие, ки дар диссертатсия асоснок карда шудаанд, барои такмил додани сиёсати инноватсионии минтақа истифода мешаванд. Натиҷаҳои бадастомада назарияи иқтисоди минтақаро инкишоф ва мукаммал мегардонанд ва метавонанд ба заминаи назариявии таҳияи сиёсати минтақавии иҷтимоию иқтисодии давлат, ки ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа дар асоси татбиқи пурраи он нигаронида шудаанд, дохил карда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки** тадқиқоти диссертатсия ҷамъбасти илмӣ ва амалии тадқиқоти муаллиф оид ба такмили сиёсати инноватсионии минтақа мебошад. Маводҳои тадқиқоти рисолаи илмӣ метавонанд дар раванди таҳияи сиёсати инноватсионии минтақа истифода

шаванд. Инчунин, маводи рисолаи диссертатсионӣ метавонад ҳангоми омӯзиши фанҳои «Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисоди минтақа”, “Сиёсатшиносӣ” истифода шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми сиёсати инноватсионии минтақа, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он, пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими таҳия ва тадбиқи сиёсати инноватсионии минтақа, тавассути таҳияи модели консептулии фонди инноватсионии рушд, ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавӣ иборат мебошад.

**Сохтор ва мазмуни диссертатсия.**

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва адабиёти истифодашуда, дар 175 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст ва аз 46 ҷадвал, 9 расм иборат мебошад.

**Дар муқаддима** аз ҷониби муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши масъала, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифањои тадқиқ, предмет ва объекти таҳқиқ, фарзияи таҳқиқ, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои кор, аҳаммияти амалии тадқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** аз љониби муаллиф дуруст ќайд карда шудааст, ки барномаҳои инноватсионӣ тавассути «лоиҳаи инноватсионӣ» амалӣ мегарданд. Лоиҳаҳои инноватсионӣ дар Қонун ҳамчун «натиҷаи нерӯи зеҳнии инсонӣ» дониста мешавад. Ба назари мо ибораи «лоиҳаи инноватсионӣ», ки дар Қонун омадааст, моҳияти ин ибораро таҷассум наменамояд, зеро дар адабиёт ин ибораи бо шакли дигар маънидод карда

шудааст. Масалан, дар китоби «Асосҳои менеҷмент» ин ибора чунин шарҳ дода шудааст, ки ба назари мо қоибили қабул аст. «Лоиҳаи инноватсионӣ консепсияи мураккабест, ки шакли идоракунии мақсадноки фаъолияти инноватсионӣ, раванди тадбиқи инноватсия, маҷмуи ҳуҷҷатҳои муайянро дар бар мегирад (саҳ. 17). Муаллиф қайд кардааст, ки масъалаи муайян кардани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ ва сатҳи даромаднокии он аз хароҷот барои таҳия, истеҳсол ва фурӯши маҳсулои инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Агар хариди давлатии маҳсулоти инноватсионӣ амалӣ карда шавад, дар он сурат ҳавасмандии ҳам муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳам корхонаҳои истифодбарандагони он таъмин мегардад (саҳ. 29).

Аз ҷониби муаллиф дуруст қайд шудааст, ки дар кишварҳои пешрафта таҳия ва татбиқи инноватсия омили ҳалкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва гарави амнияти иқтисодӣ мебошад. Иқтисодиёти мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдкарда, ки дорои технологияи рушдкарда ҳастанд, пай дар пай рушд мекунад. Ба гуфтаи коршиносони хориҷӣ, гардиши солона дар бозори ҷаҳонии технологияҳои олӣ ва маҳсулоти доништалаб назар ба гардиши бозори ашёи хом, аз ҷумла нафт, маҳсулоти нафтӣ ва газ чанд маротиба бештар аст (саҳ. 40).

**Дар боби дуюми диссертатсия** муаллиф дуруст қайд кардааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ давлатӣ (99,07%), субъектҳои хоҷагидорӣ, фондҳои ғайрибуҷавӣ, аҳолӣ ва созмону давлатҳои хориҷӣ (0,93%) маблағгузорӣ карда мешавад ( саҳ. 61).

Мувофиқи ақидаи муаллифи диссертатсия, сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе маҷмуи тадбирҳоест, ки ба фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ ва рушди инноватсия дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва идоракунии шаҳр (саноат, маориф, тандурустӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт ва ғайра) нигаронида шудааст (саҳ. 79).

**Дар боби сеюми диссертатсия** муаллиф дуруст қайд кардааст, ки стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини тадбиқи сиёсати инноватсионӣ бо роҳи бартараф кардани масъалаҳое, ки давлат ва

минтақаҳои алоҳидаи он ҳангоми ба амал овардани фаъолияти инноватсионӣ дучор мешаванд нигаронида шудааст. Дар стратегия инчунин таъкид шудааст, ки рушди илм аз омилҳои рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳаи тадқиқот ва тараққиёт, тарбияи кадрҳои соҳаи илм, механизмхо ва воситахое, ки ҳамкории ҳамаи сохторҳои ба соҳаи инноватсия машғулбуда вобастагии ногусастанӣ дорад. Илова дар стратегия зарурати таҳкими инфрасохтори инноватсионӣ тавассути тиҷоратикунонии он, ташаккул ва дастгирии навоварон, минтақаҳои инноватсионии технологӣ, паркҳои технологӣ ва дигар соҳаҳои инноватсионӣ қайд шудааст (саҳ. 124).

Мувофиқи ақидаи муаллиф, истифодаи технологияи ҳозиразамони барои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва коркарди саноатии он ҳамгироии ин соҳаҳоро тақозо намуда, дар пояи корхонаи саноатӣ ташкил намудани агрокластерҳоро, ки тавонанд захираҳои мавҷударо дар як марказ ҷамъ намуда, самаранокии истифодаи онро таъмин намояд. Маҳз дар як марказ ҷамъ намудани захираҳои истеҳсолию молиявӣ имконияти истифодаи дастовардҳои илм ва технологияи замонавиро фароҳам меорад (саҳ. 138).

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 24 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федаратсия Россия тавсия шудаанд, чоп шудаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Тадқиқоти диссертатсионии Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми рушди сиёсати инноватсионии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Бо вуҷуди дастовардҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуктаҳои такмилталаб низ ба назар мерасанд:

1. Дар боби аввали диссертатсия асосҳои назариявии сиёсати инноватсионии минтақавӣ ба таври муфассал таҳлил шудаанд. Бо вуҷуди ин,

муқоисаи амиқтари моделҳои муосири сиёсати инноватсионии минтақавӣ, ки дар кишварҳои гуногун татбиқ мешаванд, ва муайян намудани мавқеи илмии муаллиф нисбат ба онҳо метавонист боз ҳам пурратар инъикос гардад.

2. Ҳангоми таҳлили таҷрибаи хориҷии ташаккули сиёсати инноватсионӣ бештар таҷрибаи давлатҳои пешрафта истифода шудааст. Ба андешаи мо, таҳлили васеътари таҷрибаи кишварҳои рӯ ба рушд ва давлатҳои дорои шароити иқтисодиву иҷтимоии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд, метавонад арзиши амалии тадқиқотро боз ҳам баландтар намояд.

3. Дар таҳлили вазъи сиёсати инноватсионии шаҳри Душанбе бештар нишондиҳандаҳои умумии оморӣ истифода гардидаанд. Ҷалби нишондиҳандаҳои муфассалтари самаранокии фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла натиҷаҳои тиҷоратикунонии технологияҳо, фаъолияти стартапҳо ва сатҳи ҳамкории илм бо истеҳсолот, метавонист таҳлилро боз ҳам амиқтар гардонад.

4. Муаллиф механизми такмили сиёсати инноватсионии минтақавиро пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди аҳаммияти амалии он, масъалаҳои марбут ба манбаъҳои маблағгузорӣ, механизмҳои ҳавасмандгардонии субъектҳои инноватсионӣ ва тартиби амалисозии пешниҳодҳо метавонистанд муфассалтар асоснок карда шаванд.

5. Дар диссертатсия ба нақши мақомоти давлатӣ дар рушди сиёсати инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Аммо нақши бахши хусусӣ, сармоягузорони венчурӣ, инкубаторҳои технологӣ ва марказҳои трансфери технология дар рушди экосистемаи инноватсионӣ метавонист васеътар баррасӣ гардад.

6. Дар қисмати тавсияҳои амалии диссертатсия як қатор пешниҳодҳои арзишманд ироа шудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳияи низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии татбиқи сиёсати пешниҳодшуда ва муайян намудани хавфҳои эҳтимолии татбиқи он метавонист аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам бештар намояд.

Ба ҳар ҳол, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ

намерасонанд. Диссертатсия таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, натиҷаҳои илмии он метавонанд барои такмили сиёсати инноватсионии минтақавӣ ва баланд бардоштани иқтидори инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Душанбе, мавриди истифодаи васеи илмӣ ва амалӣ қарор гиранд.

**Хулосаи умум доир ба диссертатсия.** Диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрос Абдуҳамит дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Муаллиф ба ҳадафҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комилан ноил гардидааст.

Натиҷаҳои илмӣ ва нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи тадқиқоти диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.
Тавсияҳое, ки муаллиф барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда дар соҳаи тадқиқоти худ пешниҳод менамояд, асоснок буда, сифатан аз тавсия ва пешниҳододи олимони дигар фарҷ мекунанд. Муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои иқтисодӣ,
муовини директори ичроия оид ба таълими филиали
Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар ш.Душанбе, дотсенти кафедраи
"Илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ" Шодибеки Сафар

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Бохтар 35/1
Телефон: (992) 000014011

Имзои Шодибеки Сафар - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи сиёсатӣ кадрҳо
ва корҳои махсус Пирназар Сорбон Маҳмадназар